**Тақриз**

**ба автореферати Қобилов Аҳмад Абдуллоевич «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ (исму сифат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ**

Дар забоншиносии тоҷик масъалаи калимасозӣ, бахусус вожаҳои сохта чи дар асоси маводи осори манзуму мансури адибони муосир ва чи аҳли илму адаби гузашта таҳқиқоти фаровоне анҷом дода шуда, муҳаққиқон роҷеъ ба бурду бохти осори шоиру нависандагон дар истифода ва эҷоди калимаҳои сохта назари хешро баён кардаанд, вале ҳаллу фасл пиндоштани кулли нуктаҳои ба ташаккули калимаҳои сохта марбут ҳаргиз дуруст нест. Масъалаи калимасозиро танҳо ҳамон вақт метавон ҳалгардида ҳисобид, ки он дар заминаи маводи тамоми осори аз ниёгон то имрӯз ба мо меросмонда ба риштаи таҳқиқ кашида шавад. Аз ин рӯ, мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ Қобилов Аҳмад Абдуллоевич мубрам буда, он метавонад дар ошкоргардии нуктаҳои номакшуфи калимасозии таърихӣ мусоидат намояд.

Рисола, чунонки аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат аст.

Муаллиф дар муқаддима доир ба мубрамии мавзуи интихобкардааш, дараҷаи омӯхташавии он, мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузоштааш, навовариҳои дар пажуҳиш вуҷуддошта, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодкардааш ва монанди инҳо маълумот додааст.

Боби аввали рисола «Хусусиятҳои вандҳои исмсоз» ном дошта, аз ду фаслу чаҳор зерфасл иборат аст ва дар онҳо унвонҷӯ кӯшидааст, ки нақши пешванди **ҳам-** ва чор гурӯҳи пасвандҳои исмсоз: маконсоз, шахссоз, маънисоз ва созандаи чизу ашёро дар заминаи маводи «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» нишон диҳад.

Боб дуюми рисола, ки «Хусусиятҳои вандҳои сифатсоз» ном дошта, аз ду фаслу ду зерфасл фароҳам омадааст, муаллиф кӯшиш ба харҷ

додааст, ки накши чор пешванди сифатсоз ва ду гурӯҳи пасвандҳои созандаи сифат: аслӣ ва нисбисозро аз назари таҳлил гузаронад.

Боби сеюми рисола «Вижагиҳои хоссаи забони «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар корбурди исму сифатҳои сохта» номида шуда, фарогири се фаслу шаш зерфасл аст ва дар чунин бахшҳо унвонҷӯ доир ба дар чанд мувозӣ истифодагардии исму сифатҳои сохта, доираи маъноии онҳо ва унсурҳои луғавии нодири марбут ба ду ҳиссаи нутқи зикршуда андешаронӣ кардааст.

Муаллифи рисола дар ҷараёни таҳлили маводи гирдовардааш перомуни накши калимасозии 4 пасванди исми маконсоз, 5-шахссоз, 4-маънисоз, 2-шайъсоз; инчунин 4 пешванди сифатсоз, 4-пасванди сифати аслисоз ва 6 сифати нисбисоз мулоҳизаронӣ карда, бартарии якеро аз дигаре дар ташаккули вожаҳои нави сохта баррасӣ кардааст.

Лозим ба таъкид аст, ки мулоҳизаҳои унвонҷӯ роҷеъ ба калимаҳои нодири марбут ба исму сифати дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ҷолиб буда, ҳиссаи шоистаи асари номбурдаро дар такомули таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ нишон медиҳад.

Кори илмии анҷомдодаи Қобилов А. А. таҳқиқоти мустақилан таълифгардида буда, унвонҷӯ барои анҷоми чунин пажуҳиш маводи дархури матлабро аз «Тарчумаи «Тафсири Табарӣ» гирд овардааст, осори зиёди ба мавзуи рисола дахлдоштаро мавриди мутолиа қарор додааст.

Пажуҳиши мазкур дорои аҳаммияти илмиву амалӣ буда, он метавонад дар оянда барои такомули масоили дериватология ва услубшиносии таърихӣ мадади калон расонад.

Ҳамин тавр, рисолаи илмии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ (исму сифат)» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он, бечунучаро, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мебошад.


**Муқарриз**: номзади илми филология,
дотсенти кафедраи забони
тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд Ҷалолова Ф. А.

Тел.: (92) 831-11-05
Почтаи электронӣ: info@int.tj


*«Имзои дотсент Ҷалолова Фотима Абдусаломовнаро тасдиқ мекунам.»*


Сардори раёсати кадрҳои Донишкадаи
Иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд Маҳмудов Ш.У.
Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169,
Тел.: (8-3422) 6-03-21, Факс (8-3422) 4-33-15
Сомонаи расмӣ: www.int.tj


«13» феврали соли 2024